“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
__________ Хайрзода Ш.
“26” ________ соли 2024

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи “Асосҳои педагогии тишаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Самадов Миршод Самадович, ки дар он баррасии масъалаҳои тайёрии касбии донишҷӯёни муассисаҳои олӣ дар самти омодашавии онҳо ҳамчун омӯзгорони фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” анҷом ёфтааст, ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 «Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ» (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат дорад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.** Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Самадов Миршод Самадович дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” коркард гардида, татбиқи он дар амалияи фаъолияти таълимии донишҷӯён баррасӣ гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқот бо он арзёбӣ мегардад, ки омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» дар партави

корбасти усули таълими ҳамгиро (интегратсия) сурат гирифта, дар чаҳорчӯбаи устувори рукнҳои маромнокӣ ва арзишмандӣ, эмотсионалӣ-иродавӣ, мазмунӣ-амалиётӣ (оператсионалӣ) ва ҷисмониву эҷодӣ рушд меёбад.

Дар диссертатсия вазъи воқеӣ ва роҳу усули ташкилӣ-педагогии ташаккули омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» равшан гардида, сохти модулии мундариҷаи тайёрии касбӣ, низоми рейтингии арзёбии дониш, малака ва маҳорат, ҷорӣ намудани шаклҳо, усулҳо ва васоити нави ташкили таълим, ҳамгироии мундариҷаи фанҳои гуногуни таълимӣ, худбаҳодиҳии донишҷӯ дар фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва варзишӣ, ташвиқи ӯ ба кори бошуурона ва мақсаднок, густариши фаъолияти таълимӣ-ҷустуҷӯии донишҷӯён, ҳавасмандгардонии донишҷӯён ҳини мустақилона интихоб кардани гунаҳои (вариант) ташаккули касбӣ ва, ниҳоят, тавассути низоми назорати рейтингӣ мунтазам тафтиш намудани сатҳи дастовардҳои таълимии донишҷӯён муайян ва мушаххас гардонида шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар рисолаи амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда дар доираи таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" коркард гардида, ҳадафҳо, принсипҳо, ҷанбаҳои сохторӣ, шароит ва технологияи татбиқи онҳо ҳалу фасл шудааст. Ба сифати меъёрҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» унсурҳои зерин муқаррар гардиданд: мавҷудияти нақшаи дақиқи ҳаётӣ ва касбӣ, қобилияти ташкили ҳамкории судманди омӯзгор ва муҳассилин, гуногунҷабҳагӣ, фарохӣ ва умқи донишҳои устод, вазъи саломатӣ, рушди ҷисмонӣ ва омодагии функсионалии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар фаъолияти минбаъдаи педагогӣ. Зимни меъёрҳои мазкур дар рисолаи мазкур зинаҳои омодагии омӯзгор ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” муқаррар карда шудаанд. Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Ҳамроев Ҳабибулло дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи Стратегияи миллии рушди таҳсилот то давраи соли 2030, ки дар низоми таҳсилоти кишвар, махсусан, вобаста ба гузариш ба

муносибати босалоҳият дар таълим ба вуқуъ омаданд, коркард ва пешниҳод шудааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, ошкор ва асоснок намудани ҷанбаҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар раванди таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ, муайян намудани моҳият ва мазмуни истилоҳи омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ" таҳлилу таҳқиқи комил пайдо кардааст.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро ба монанди: ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асосноккунии роҳу усулҳои самараноки ташаккули сифатҳои касбии омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ, зимни таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ муайян намудани моҳият ва мазмуни истилоҳи омодагии омӯзгор ин фан ва амсоли онро ба риштаи таҳқиқ ва пажуҳиш кашидааст. Тазаккур медиҳем, ки унвонҷӯй дар ҳалли масоил ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил ва комёб шудааст.

Муааллифи диссертатсия **фарзияи илмии** таҳқиқотро воқеъбинона, аз нигоҳи илмӣ-назарӣ пешбинӣ карда чунин мешуморад, ки раванди ташаккули самараноки омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» замоне фароҳам меояд, ки **агар** татбиқи амсила (модел)-и ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» зимни ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ-психологии донишҷуён-омӯзгорони ояндаи фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" мураттаб карда шавад; ҳамчунин дар баробари рушди ҷисмонӣ ба рушди психикию маънавии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" диққати махсус дода шавад; ҷиҳати мусоидат намудан ба рушди маърифатии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" фаъолияти зина ба зина душворшавандаи ҷӯстуҷӯии онҳо ба роҳ монда шавад; барои донишҷӯён дар интихоби шаклу навъҳо (вариант)-ҳои ҳалли масъалаҳои касбӣ соҳибихтиёрӣ ва имконияти интихоби мустақилонаи низоми рейтингии назорат дода шавад; мониторинги мунтазами

дастовардҳои таълимии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" таъсис дода шавад.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои ҳини таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишӣ анҷомдодаи унвонҷӯй Самадов Миршод Самадович аз он дарак медиҳад, ки фарзияҳои пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия Моҳият, мундариҷа, сохтори фаъолияти таълимӣ ва касбии омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмонӣ, Шароитҳои ташкилию педагогии ташаккули сифатҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ", амсила (модел)-и ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" дар мактабҳои олӣ ҳамчун асосҳои илмӣ-назариявии ташаккули касбии ӯ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар боби мазкур на танҳо мундариҷаи амсилаи пешниҳодшуда бо тартиби муайян гурӯҳбандӣ карда шудааст, балки ҳар як қисму ҷузъи он тавзеҳ дода шуда, татбиқи он мушаххасан таъкид гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия ба масъалаҳои мубрами ташаккули касбии омӯзгориояндаи фанни "Тарбияи ҷисмонӣ", амсоли методҳо ва роҳандозии амалии таҳқиқот дар самти ташаккули ҳирфаии омӯзгор, натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда ва хулосабарорӣ аз он, технологияи ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ", роҳҳои татбиқи омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" тибқи натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда дар макотиби олӣ бахшида шудааст. Дар рафти корҳои санҷишӣ-озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёфта, бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ арзёбӣ ва ҷамъбаст шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалиро ба анҷом расонида, натиҷаҳои ба дастомада дар таҷрибаи амалӣ дар иртибот ба рушди маҳорату малакаҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва маърифатӣ-эҷодии омӯзгорони фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" кумак ва мадад хоҳад расонд.

**Навгонӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия асосҳои илмӣ-назариявӣ ва методологии ташаккули касбии омӯзгорони фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”-ро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар робита бо силсиламасъалаҳои мундариҷа, сохтори фаъолияти таълимӣ ва касбии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ коркард кардааст. Дар рисола қайд мегардад, ки табиат ва моҳияти омодагии омӯзгори ояндаро ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» метавон ҳамчун раванди татбиқи ғояҳои касбӣ ва шахсии педагогӣ, таркиб (синтез)-и қобилиятҳо барои фаъолияти мақсадноки касбӣ эътироф намуд. Зеро омодагии касбӣ муаррифгари сатҳи баланди рушди мутахассис маҳсуб меёбад.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Самадов Миршод Самадович аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд ва аз дастовардҳои зерин иборат аст:

- ба мазмун ва моҳияти мафҳуми омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ” саҳеҳият ворид карда шуда, сохтори он мушаххас карда шудааст;
- ҷузъҳои таркибии омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» ва зинаҳои инкишофи он муайян карда шуданд;
- шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ” дақиқ карда шуданд;
- амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ” таҳия ва дар раванди фаъолияти таълимии донишҷӯён роҳандозӣ гардидааст.

Дастовардҳо ва тамоюлҳои рушди педагогикаи муосир дар самти таҳсилоти касбӣ дар алоқамандӣ бо омодагии касбии мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл гардида, алоқамандӣ ва ҳамкории ҷузъҳои асосии омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» асоснок карда шуда, натиҷаи ҳамкорӣ боиси эҳё гардидани сифатҳо ва омилҳои нав собит шудааст. Минҷумла, шароитҳои ташкилӣ-педагогии омодагии донишҷӯ-омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» асоснок гардидааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавассути озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсила ва барномаи ташаккули омодагии донишҷӯ-омӯзгори ояндаи фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ пешниҳод гардидаанд, ки ба омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони варзида дар самти таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ҳамчун дастур, роҳнамо хидмат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таҳияи фанҳо ва курсҳои махсус дар системаи таълими касбии омӯзгори оянда дар факултаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва низоми такмили ихтисоси омӯзгорон истифода намуд.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ, психологҳо мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор ёфта, ҷанбаҳои педагогии ташаккули касбии омӯзгори ояндаи фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” равшан ва мушаххас гардидааст.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқарраároти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ, фаъолиятитаҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба мавзуъ таҳқиқот ба анҷом расидааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажуҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишкадаи омӯзгории шаҳри Панҷакент, ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи муассисаи мазкур муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки солҳои 2017-2023 дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ (Душанбе, Хуҷанд, Панҷакент), семинарҳои омӯзишӣ

оид ба омодагардии муаллимони ояндаи фанни тарбияи ҷисмонӣ баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд.

Дар асоси омӯзиши маъхазҳои илмӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллифи диссертатсия ба хулоса омадааст, ки самаранокии фаъолияти минбаъдаи касбии донишҷӯ-омӯзгори ояндаи фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" дар сурате имконпазир мегардад, ки, агар ӯ қобилияти дар байни фаъолияти маърифатӣ, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва инкишофи умумифарҳангии худ робитаи ногусастанӣ барқарор намуданро доро бошад. Чунки зарурати ташаккули раванди омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» дар заминаи он рушд ёфта, афзоиши фаъолияти таълимӣ-маърифатии ӯ низ имконпазир мегардад. Ҳамзамон, чунин фаъолият ба ҳайси сифатҳои инфиродии шахсӣ, сатҳи худшиносӣ, худинкишофдиҳӣ, сатҳи инкишофи қобилиятҳо, фарҳанги тафаккур, муносибати шахсӣ ба фаъолияти касбии омӯзгориояндаро муайян месозад.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои баёншудаи унвонҷӯй Самадов Миршод Самадович қавӣ ва боэътимоду аз нигоҳи илмӣ асосноканд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан мантиқи фикрронӣ қобили қайд ва эътироф аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва, ниҳоят, дар иртибот бо

маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таҳия гардида, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф пеши назар меорад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар рисола таҳлили вазъи омодашавии омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мушоҳида нагардид. Дар ин бобат унвонҷӯй метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси муваффақият ва камбудиҳои масъалаи мазкур дар партави проблемаи таҳқиқот баён намояд.

2. Хуб мебуд агар дар рисола оид ба таҷрибаи пешқадами мактабҳои олии кишварҳои беруни Тоҷикистон бобати проблемаи таҳқиқ андешаронӣ мешуд, зеро бесабаб нагуфтаанд: ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.

3. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзуи “Асосҳои педагогии тишаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Самадов Миршод Самадович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" Гулзода Н. А. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология Донишгоҳи давлатии Данғара, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Самадов Миршод Самадович иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика ва психология аз 5.01.2024, №6).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи педагогика
ва психология Донишгоҳи
давлатии Данғара, номзади илмҳои
педагогӣ, и.в. дотсент — Ғафурова Д.Ҷ.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
и.в. дотсенти кафедраи педагогика ва
психологияи Донишгоҳи давлатии
Данғара, номзади илмҳои педагогӣ — Гулзода Н.А.

Котиби ҷаласаи васеи
семинари илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент — Набиев Ҷ.Ғ.

Маълумот барои тамос: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Маркази 25;
Тел: +992 833122-28-06, +992 553 555765; +992907773610; E-mail: dddangara_2013@mail.ru, dilorom.gafurova.@mail.ru; www.dsu.tj

Имзои Д.Ҷ. Ғафурова, Н.А. Гулзода,
Ҷ.Ғ. Набиевро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ Донишгоҳи
давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

26. 01. 2024 с.